# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои филологӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода ба диссертатсияи Охунзода Насруддин дар мавзӯи «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик» барои дарёфти унвони номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Диссертатсияи муҳаққиқи ҷавон Охунзода Насруддин бо номи «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик» аз қабили он таҳқиқотест, ки бо аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи таҳлилии илмӣ ва пажӯҳишӣ, ибрози андешаҳои наву ҷолиб, диду фаҳмиш ва дарки моҳияти мавод, хулосаву натиҷагириҳо умдаву муҳим буда, дар шинохти илмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва хидматҳои таърихию мондагори ӯ саҳифаи наверо мекушояд.

Маълум аст, ки дар хусуси фаъолияти Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шахсияти созанда, роҳбари як кишвари тозаистиқлол, хидматҳои ӯ дар роҳи ҳалли моҷарою мушкилиҳо ва вазъи печидаю мураккаби сиёсии мамлакат, муборизаю талошҳо баҳри барҳам додани хатари парокандагиии ҷумҳурӣ ва кӯшишҳои қувваҳои манфиатҷӯю ҷудоихоҳ ва ниҳоят, таҳкими сулҳу субот ва барқарории ваҳдату ягонагӣ осори фаровони публитсистию бадеӣ ва асарҳои бадеию мустанад таълиф гардидаанд. Аммо рӯ овардан ба ҷанба ва заминаҳои ташаккули образи қаҳрамони осори таълифгардида – Пешвои миллат, таҳлилу таҳқиқи илмии симои ин чеҳраи таърихӣ, нақши ӯ ба ҳайси сиёсатмадори ҳирфаии эътирофшуда, иқдомҳояш дар боби созандагию бунёдкорӣ, рушду тараққии маорифу илм, фарҳанг, тандурустӣ ва амсоли инҳо дар асоси асарҳои иншошуда аз ҷониби муҳаққиқ Охунзода Насруддин ба таври ҷолибу шоиста ва бо корбурди методҳои илмию назариявӣ, таҳлили доманадор ва бардоштҳои навгароёна таҷассум ёфтааст. Тафсилоти доираи

пажӯҳиш ва равишҳои илмии муҳтавою ғояи диссертатсияи Н. Охунзода дар се боб, шаш фасл ва хулоса инъикос гардидааст.

Дар муқаддима аҳамияти мавзӯи таҳқиқ асоснок ва дараҷаи омӯзиши он баррасӣ шуда, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои он, методология ва методҳои таҳқиқ, арзиши назариву амалии диссертатсия ва нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян ва татбиқи кор тавсиф гардидааст.

Боби якуми диссертатсия «Тавсифи умумии осори публитсистӣ доир ба Эмомалӣ Раҳмон» унвон дошта, аз ду фасл таркиб ёфтааст. Дар ин боб муҳаққиқ дар хусуси нақши шахсият дар таърих муфассал сухан ронда, дар робита ба ин масъала ба тавсифу таҳлили хидматҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон рӯ меорад. Дар фасли аввали ин боб «Заминаҳои таърихии ташаккули образи Эмомалӣ Раҳмон» стенограммаи баргузории ҷаласаи Шӯрои Олӣ айнан оварда мешавад, ки таърихи интихоби Эмомалӣ Раҳмонро тасдиқу таъкид мекунад. Зикри зиндагиномаи Сарвари давлат, омӯзиши илм, соҳибмаълумот гардидан ва дар вазифаҳои роҳбарикунанда дар зинаҳои поёнӣ фаъолият намудани Эмомалӣ Раҳмон ва зина ба зина таҳаввулу такомул ёфтани шахсияти ӯ ҳамчун роҳбари дурандеш идомаи баҳси ин фасл гардидааст. Як хусусияти муҳим ва назарраси таҳқиқоти мавриди назар он аст, ки муаллиф зимни андешарониҳои илмӣ ва таҳлилҳои мантиқан устувор аз сарчашмаю маъхазҳо, бавижа, санадҳои таърихӣ огоҳмандона истифода намуда, бо далелҳои муътамад воқеияти интихоб ва ба сари қудрат омадани Эмомалӣ Раҳмонро ба сифати Раиси Шӯрои Олӣ дар иртибот бо омилу сабабҳои сиёсии замон илман асоснок мекунад.

Дар фасли дуюми боби якум – «Симои Пешвои миллат дар асарҳои алоҳидаи публитсистӣ» диссертант кӯшидааст, ки хидмату корнома ва фидокориҳои Раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмонро ба василаи таҳқиқи доманадори асарҳои публитсистӣ равшан созад. Дар ин масъала, муҳаққиқ осори таълифгаридидаро таснифу гурӯҳбандӣ намуда, ҳар якеро ба таври алоҳида мавриди баррасӣ қарор дода, арзёбӣ мекунад.

Боби дуюм «Вижагиҳои тасвири симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввал «Тасвири корнамоиҳои Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун истиқроргари сулҳу ваҳдати миллӣ» Н. Охунзода ба қисматҳои он асарҳои публитсистии мавриди назар, ки дар онҳо раванди марҳила ба марҳила ба сулҳу ваҳдати миллӣ расидан ва ҳамчунин, саҳми Пешвои миллат дар бунёди иншооту сохтмонҳои бузурги аҳамияти саноативу иқтисодидошта ифода ёфтааст, таваҷҷуҳ мекунад.

Дар фасли дуюм «Азми созанда ва бунёдкориҳои шахсияти таърихӣ дар таҳкими истиқлолияти миллӣ» асарҳое, ки дар онҳо иқдомҳои Сарвари давлат дар самти сохтмону иншооти гуногуни замон ва рушди саноату иқтисодиёт бозгӯйӣ шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Н. Охунзода зимни таҳлили раванди инкишофи воқеаҳо дар асарҳои «Шоҳроҳи сулҳофарӣ ва бунёдкории Президент Эмомалӣ Раҳмон», «Ваҳдатовар», «Пайвандгари марзҳо ва дилҳо», «Нақби Истиқлол», «Мардистон», «Достони Роғун», «Ҷасорат» ва амсоли инҳо, дар баробари бозёфтҳои бадеӣ ва инъикоси марҳалаҳои созандагӣ дар кишвар, инчунин, норасоию камбудиҳои услубии ин асарҳоро ошкор намудааст. Вижагиҳои ин боб дар он аст, ки муаллиф тавонистааст бо баррасии ҳар як асар, умумият ва фарқи онҳоро муайян намуда, ҳамзамон, қобилияту маҳорати адибону публитсистонро дар бозтобу тасвири ҳодисаву лаҳзаҳо, ки мустақиман ба талошҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон робитаи ногусастанӣ дорад, дар қиёс мушаххас намояд.

Боби сеюми диссертатсия, ки «Таносуби воқеият ва бадеият дар бозтоби симои Пешвои миллат» номгузорӣ шудааст, низ аз ду фасл таркиб ёфтааст. Дар фасли аввал «Имконоти жанрҳои публитсистӣ дар офаридани симои шахсияти таърихӣ» диссертант зимни таҳқиқ мушаххас намудааст, ки адибону публитсистон асосан дар жанрҳои лавҳа ва очерк (анвои гуногуни ин жанрҳо) асарҳо эҷод кардаанд. Аз ҷумла, дар доираи талаботи жанрии лавҳа навиштаҳои шоир Гулназар Келдӣ – «То роҳ сафед шавад…»,

нависанда Темур Зулфиқоров – «Инро бо мадади Худо Эмомалӣ Раҳмон ва асҳоби бошарафи ӯ кард», рӯзноманигор Шарифи Ҳамдампур – «Тафсилоти як сафари пурхатар» ба таври илмию назарӣ таҳлил ва натиҷагирӣ шудааст. Диссертант очеркҳои адибону публитсистони тоҷикро, ки ба марҳалаҳои гуногуни зиндагӣ ва талошҳои фидокоронаи Президент Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудаанд, таҳлилу баррасӣ намудааст. Ӯ бо арзёбии амиқи илмию таҳқиқӣ очеркҳои мазкурро ба ду қисм ҷудо карда, аввалан он навиштаҳоеро хотиррасон менамояд, ки мавзӯи раванди ба даст овардани сулҳу ваҳдатро инъикос мекунанд. Баъдан, аз очеркҳое сухан меравад, ки ифодагари масоили бунёдкорӣ, татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва дар ин замина, равнақ бахшидан ба ҳаёти иҷтимоӣ мебошанд.

Диссертант дуруст қайд мекунад, ки маҳорату ҳунари нигорандагии адибону публитсистон дар бозтоби ҳодисаҳои марбут ба сулҳу ваҳдати миллӣ ва раванди сохтмони иншоотҳои азим яксон набуда, ҳар яке бо зарфият, қобилияту истеъдод ва дараҷаи маърифат, ки аз шартҳои аслию муқаддами шахсияти эҷодкор маҳсуб меёбанд, муносибат намуда, ба таҷассуми чеҳраи сиёсии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва хидматҳои таърихию мондагории ӯ кӯшидаанд.

Фасли дуюми ин боб «Воқеияти иҷтимоӣ ва аносири ҳунарӣ дар тасвири образи қаҳрамони воқеӣ» унвон дошта, муҳаққиқ асарҳои «Меъмори ваҳдат», «Мардистон», «Ҷасорат», «Достони Роғун» ва «Нақби Истиқлол»-ро ба риштаи таҳлил кашида, ба тарзу василаи корбурди воситаҳои тасвири бадеию ҳунарӣ – руҷӯъҳои лирикӣ, забони зиндаи халқ, зарбулмасалу мақол, порчаҳои назмию насрӣ, муколамаҳои табиӣ ва амсоли ин таваҷҷуҳи хосса менамояд.

Таҳқиқи осори мавриди назар нишон медиҳад, ки корнамоиҳои Президент Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама асарҳо бозтоби реалӣ ёфта, публитсистону адибон тавонистаанд, ки ҷараёни фаъолияту хислат ва андешаҳои созандаю милливу фардии Сарвари давлатро инъикос намоянд. Барҷастагии ин навиштаҳо ва маҳорату ҳунари нигорандагии адибону

публитсистон дар он зоҳир мегардад, ки онҳо образи шахсияти бузурги сиёсиеро офаридаанд, ки бо корнамоию ташаббусҳои беназири худ, ба дараҷаи инсони комилу маҳбуб ва сиёсатмадори сатҳи байналмилалӣ расидааст.

Хулоса, кори илмии мазкур кӯшишу иқдоми нахустин дар роҳи тавзеҳу пажӯҳиши образи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб ёфта, марҳалаҳои тасвиру инъикоси қаҳрамониҳои Президенти кишвар барои минбаъд ба таври густурда идома хоҳад ёфт.

Таҳқиқоти мазкур арзиши баланди илмиву амалӣ дошта, аввалин пажӯҳиши диссертатсионие мебошад, ки тасвири симои Пешвои миллатро дар публитсистикаи китобии тоҷик дар бар мегирад. Муҳтавои дисертатсия то ҷойе донишҳои илмӣ ва амалии публитсистикашиносиро афзуда, дар ташаккули маърифати назарӣ ва амалии муҳаққиқони соҳа таъсири мусбат гузошта метавонад. Маводи таҳқиқотро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, тадриси фанҳои асосҳои фаъолияти эҷодии журналистика, таърихи публитсистикаи тоҷик, мактаб ва ҷараёнҳои публитсистӣ истифода кард

Дар диссертатсия баробари муваффақиятҳо баъзе камбудиҳо ба чашм мерасанд, ки ислоҳи он ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Мавзӯи мавриди таҳқиқ қарор гирифта бисёр фароху доманадор аст. Дар як диссертатсия таҳлили ҳама осори публисистии ба Пешвои миллат бахшидашуда ғайриимкон аст. Хуб мешуд, ки муҳаққиқ танҳо асарҳои ба фаъолияти Президент Эмомалӣ Раҳмон дар самти сулҳу ваҳдати миллӣ эҷодшударо мавриди таҳқиқ қарор медод. Дар ин кор обзори адабиёт бештар аҳамият дорад, ки дар кор камтар аст.

2. Муҳаққиқ ҳангоми омӯзиш ва баррасиии мавзӯи мавриди назар танҳо ба асарҳои бо забони тоҷикӣ нашршуда таваҷҷуҳ намуда, асарҳое, ки бо забонҳои дигар, аз он ҷумла, англисӣ, ӯзбекӣ навишташударо мавриди таҳқиқ қарор надодааст.

3. Дараҷаи омӯзиши илмии мавзӯъ пурра набуда, доир ба таҳқиқоти дар ин самт анҷомёфта ишора нашудааст.

4. Дар автореферат маълумоти фаровон ҷой дорад, аммо иқтибосҳо ба назар намерасанд, истифодаи иқтибосҳо барои собит намудани андешаҳо зарур аст (с.10-13).

5. Дар қисмати адабиёти илмӣ-назариявӣ осори зиёди муҳаққиқони рус оварда шудааст, аммо дар диссертатсия иқтибос ба назар нарасид.

6. Масъалаҳои иҷтимоӣ дар фаъолият номбар карда шудааст, вале дар бораи адабиёти дарҷгардида дар самти ҷавонон ва занон маълумот нест.

7. Доир ба фаъолияти ҳизбии Пешвои миллат низ маълумоти обзорӣ дода нашудааст.

8. Боби аввал бештар хислати нақл дорад, назария дар он камтар аст.

9. Баъзе ғалатҳои техникиву услубӣ ба назар расид, ки ба муҳтавои илмии диссертатсияи номзадӣ таъсиргузор нест, валеислоҳи онҳо мувофиқи матлаб аст.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, қимати илмии дисертатсияро паст намекунанд. Диссертатсияи мавриди назар таҳқиқоти мустақилона буда, аҳамияти назариявию амалӣ дорад ва диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро кардааст.

Автореферат ва 16 мақолаи интишорнамудаи муаллиф, ки 5-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи рисоларо инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Охунзода Насруддин дар мавзӯи «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик» таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Он бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалиаш ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад ва

муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

**Доктори илмҳои филологӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Р. М. Removed Бобоҷониён**


**Маълумот барои иртибот:**

Бобоҷонова Ранохон Маҳмудовна

д.и.филологӣ, (аз 16.11.2007 № 46д/33)

**Ҷойи кор:** Маҷлиси намояндагони

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Вазифа:** вакил

**Нишонӣ:** ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42.

**Тел.:** 837 - 221 - 31 - 67.

Rano-bobojon@mail.ru


Имзои д.и.ф. Бобоҷониён Р. М.

тасдиқ мекунам

Мудири шуъбаи кадрҳо ва

коргузории махсус **Сафолов Музаффар**

**Тел.:** 837 - 221 - 33 - 07.

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

20. 10. 2020